ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи номзадии Раҳмонов Ҳафиз Азизович дар мавзуи «Фазлиддин Муҳаммадиев ва таҳаввули ҳикояи муосири тоҷик (солҳои 60-80-уми асри XX) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ

Агарчи ҳанӯз дар замони зиндагии Фазлиддин Муҳаммадиев мунаққидон ва адабиётшиносон рӯйкардҳои навоварона ва ҷараёнсози нависандаро дар эҷоди ҳикояву очерк эътироф карда бошанд ҳам, вале ҳеч яке аз олимони соҳибном ҳикояҳои ӯро ба таври монографӣ ва фарогир пажӯҳиш накарда буданд. Корҳои анҷомшуда дар робита ба таҳқиқи ҳикояи Ф. Муҳаммадиев дар шаклҳои пора-пора, мақолаҳои алоҳида ва ё ишороти сариҳоӣ боқӣ мондаанд. Дар ҳоле ки бо таваҷҷуҳ ба саҳми нависанда дар таҳаввули ҳикоя дар миёнаи солҳои панҷоҳуми асри гузашта на танҳо, ки осори ӯ мукаммал ва ҳамаҷониба таҳқиқ бояд мешуданд, балки тамоми ҳикояҳои нависандагони насли баъди Муҳаммадиевро бояд дар қарина ва муқобилагузорӣ бо ӯ бояд пажӯҳиш менамуданд.

Бо таваҷҷуҳ бар ин нукот, диссертатсияи номзадии Раҳмонов Ҳафиз Азизович дар мавзуи “Фазлиддин Муҳаммадиев ва таҳаввули ҳикояи муосири тоҷик” як падидаи ангезадиҳанда дар нақди адабӣ бояд пазируфта шавад.

Албатта, таваққуъ ва интизори аҳли назар аз қалами Раҳмонов Ҳафиз (Ҳафиз Раҳмон), ки дар адабиётшиносии муосири тоҷик, бидуни кӯчактарин муболиға, соҳибназару соҳибном ва шахсияти эътирофшуда аст, дар сатҳи болост. Ҳамин ҷост, ки дар нақди рисолаи ӯ намешавад фақат ба расмиёт ва ибораву суханҳои “саридасторӣ” иктифо кард.

Аммо ҳамчунон ки мебояд, муҳтавои рисолаи ӯ матолиб ва нукоти қобили таваҷҷуҳи бисёре дорад, ки метавон ба баъзе аз онҳо ишора кард.

Рисолаи Раҳмонов Ҳафиз аз муқаддима, се боб, нуҳ фасл, хулоса ва феҳристи адабиёт фароҳам омадааст, сохтору равиши таълиф комилан ба талаботҳои КОА ҷавобгӯст. Аввалин нуктае, ки ҳини хондани рисола таваҷҷуҳи касро ҷалб мекунад, забони он аст. Муаллиф дар интихоби мафоҳим ва иборот, гузиниши тоҷикии истилоҳоти адабӣ, риояи комили таносуб ва ҳамоҳангӣ дар ҷумлабандӣ ва баёни матлаб диққати ҷиддӣ додааст ва дар натиҷа як забони олимона ва дар айни ҳол бисёр самимӣ ва табиӣ рӯйи кор омадааст.

Нуктаи бисёр муҳимми дигар он аст, ки агарчи мавзуи рисола ҳикояҳои Ф. Муҳаммадиев ва баҳси таҳаввули ин навъи адабист, аммо ҳам масъалагузорӣ, ҳам равишҳои мутқан ва пуштвонадори тадқиқи мавзуот ва ҳам фарогир будани баҳсҳои оростаи муаллиф сабаб шудаанд, ки як равиши комилан тозаи таҳқиқи насри муосир ҳосил шавад. Муаллиф бархилофи равиши маъмули таҳқиқи наср дар нақди муосир, ки бештар ба ҷанбаҳои мавзуотӣ ва шарҳу тафсири матни адабӣ мепардозад ва баррасии ҷанбаҳои адабӣ, ҳунарӣ ва бадеии онро фурӯгузор мекунад, кӯшидааст, ки масъала ва мавзуоти мушаххаси нақди адабӣ, аз қабили пайранг, ривоятпардозӣ ва сабк, аносири реализми сотсиалистӣ дар ҳикояҳои нависанда, дарунмояи онҳо ва вижагиҳои шахсиятсозии Фазлиддин Муҳаммадиевро матраҳ ва таҳқиқ кунад.

Ҳамин тавр, боби якуми рисола “Ҳикоя ва ҷойгоҳи он дар эҷодиёти Ф. Муҳаммадиев” унвон гирифта, муаллиф дар он ба баррасии масъалаҳои назарии жанри ҳикоя аз дидгоҳи нақди муосир (фасли аввал), рушду камоли шахсияти адабии Ф. Муҳаммадиев (фасли дуюм)

ва вазъи жанри ҳикояи солҳои шасту ҳаштоди асри XX (фасли сеюм) пардохтааст.

Ба ҳам овардани назарияҳои қадиму муосири жанри ҳикоя дар нақди адабиёти миллӣ ва ҷаҳонӣ, таҳлили онҳо бар пояи ҳикояҳои муосир санҷидани дурустӣ ва иштибоҳоти ин назариёт аз тавфиқоти фасли якуми боби аввали рисола аст. Ҳамчунин, муаллиф дар фасли дуюм, ки шахсияти адабии Ф. Муҳаммадиевро мавриди пажӯҳиш қарор медиҳад, аз нақли хушку холии зиндагиномаи ӯ канорагирӣ карда, ба ҷойи он бо такя ба таҳаввули роҳи эҷодӣ ва дастовардҳои зина ба зинаи нависанда, ҳамчунин, бо овардани мисолҳои мушаххас барои ҳар як натиҷагириҳои худ чӣ гуна ҳамчун як адиби муваффақ ва улгу ба камол расидани Фазлиддин Муҳаммадиевро кушода додааст.

Дар фасли сеюми боби аввал муаллиф аз натиҷаи таҳлили вазъи жанри ҳикоя дар солҳои панҷоҳу шастуми асри XX ва ҳамчун як падида ворид шудани Ф. Муҳаммадиев ба адабиёт ба ин натиҷа мерасад, ки “нависанда бо тамаркуз ба маънавиёт ва дунёи дарунии қаҳрамон, даст кашидан аз нақли воқеа ба хотири баёни худи воқеа, истифода аз аносири ҳаҷв ва самимият бахшидан ба раванди таҳкия жанри ҳикояи адабиёти тоҷикро ба сатҳи нав расонидааст”.

“Унсурҳои пуркорбурди пайранг дар ҳикоёти нависанда”, ки унвони фасли аввали боби дуюми рисола аст, ба назари банда, аз дастовардҳои ҷиддии муаллиф ба ҳисоб меравад. Диссертант бо дақиқназарии ба худаш хос, вижагиҳои пайрангсозӣ дар ҳама ҳикоёти Ф. Муҳаммадиевро алоҳида-алоҳида таҳлил мекунад, мушаххасоти пайрангсозии ҳар яке аз онҳоро бо мисолҳои мушаххас нишон дода, бо ин роҳ унсурҳои пуркорбурди пайранг дар осори нависандаро як-як бозшиносӣ мекунад. Ин пажӯҳиши муаллиф имкон медиҳад, ки бархӯрди маъмулии

нависандагони асри XX-ро ба аносири пайранг ва корбурди онҳо дарк намоем.

Дар фасли сеюми боби дуюм – “Шеваҳои ривоятпардозӣ дар ҳикояҳои Ф. Муҳаммадиев” диссертант ба ин паҳлуи эҷоди ҳикоя пардохтааст. Бояд тазаккур дод, ки худи масъалаи ривоятпардозӣ дар насри чи классикиву чи муосири тоҷик то ҳанӯз мавзуи пажӯҳиш набудааст ва ин паҳлуи воқеан ҳам муҳимми осори адабӣ аз нигоҳи мунаққидон дур мондааст. Шеваи таҳлилу баррасии ривоятпардозӣ дар ҳикояҳои Ф. Муҳаммадиев, ки Раҳмонов Ҳафиз мустафид шудааст, бонизом ва ҷаззоб аст. Мутмаинем, ки дастовардҳои ин бахши кори диссертант метавонад ҳамчун заминаи бунёдӣ барои пажӯҳишоти оянда дар робита ба ривоятпардозӣ дар насри адабиёти тоҷик мавриди истифода қарор бигирад.

Фасли сеюми боби дуюм “Тафовутҳои сабкии ҳикояҳои ҳаҷвии Ф. Муҳаммадиев”-ро таҳқиқ кардааст. Муаллиф бар ин натиҷа мерасад, ки бо вуҷуди ин ки забону баёни нависанда дар ҳикояҳои ҳаҷвии ӯ аз дигар осораш дар муқобила бо дигарон камтар фарқият дорад, аммо дигар мушаххасоти хос ба мисли барҷастасозии сухани қаҳрамон, мавзуоти “сода”, ҳаҷм ва монанди инҳо онҳоро аз назари сабкӣ ҷудо месозад.

Боби сеюми рисолаи Раҳмонов Ҳафиз, ба назари мо, аз назари муҳтаво арзишмандтар аз қисматҳои дигар аст. Пажӯҳиши реализми сотсиалистӣ бо нигоҳи комилан тоза ва муҳимтар аз ҳама, комилан мунсифона, озод аз нуфузи идеологии ҷаҳонбинии сотсиалистӣ, ки то ҳанӯз дар нақди адабии мо эҳсос мешавад, анҷом шудааст. Дар натиҷа, муаллиф муваффақ шудааст, ки бурду бохти на танҳо наср, балки куллан адабиёти муосири тоҷикро аз истифодаи равиши реализми сотсиалистӣ бозшиносад.

Ҳамин нукта аст, ки муаллиф дар хулоса мегӯяд: “Ин вижагиҳо (вижагиҳои реализми сотсиалистӣ), ки ба сутуҳи мухталифи осори ӯ таъсиргузор будаанд, гоҳо сабабгори заифтар шудани ҷанбаҳои ҳунарӣ ва адабии ҳикояҳо мешаванд, гоҳи дигар барои барҷастатар кардани ғоя ва муҳтавои асар хидмат мекунанд”.

Дар фасли дуюми ин боб диссертант дарунмояи ҳикоёти Ф. Муҳаммадиевро баррасӣ мекунад. Ҷолиб аст, ки ӯ ҳеҷ гоҳ ба нақли хушку берӯҳи мазмуни ҳикояти нависанда напардохтааст, балки маҳз дарунмоя – муҳимтарин арзишҳои маънои ҳикоётро ҷустуҷӯ кардааст, онҳоро бо назардошти таҳаввули роҳи эҷодии нависанда то андозае файласуфона шарҳу тафсир додааст.

“Баррасии шахсияти қаҳрамонони ҳикоёти Ф. Муҳаммадиев” унвони фасли сеюми боби сеюм аст. Диссертант дар ин бахши кор аз як тараф “қонунмандиҳои шахсиятсозии реализми сотсиалистӣ”-ро нақд мекунад, аз тарафи дигар, инҳирофи нависандаро аз ин қонуниятҳо нишон дода, дубора яке аз омилҳои дигари муваффақияти ӯро бозгӯ мекунад. Ҳамин тавр, муаллиф ду шеваи воридсозии мустақими симои қаҳрамон ба таркиби дунёи ҳунариро, ки Ф. Муҳаммадиев мустафид шудааст, нишон дода, шахсияти қаҳрамонони ҳикоёти ӯро ба се гурӯҳ ҷудо кардааст.

Дар хулосаи кор диссертант дар 23 нукта натиҷагириҳои худро аз ҷараёни пажӯҳиш баён кардааст, ки бо назардошти равишҳои илмии баррасии мавзуъ ва низоми пазируфтанӣ доштани сохтори таҳқиқот мутқан ва қобили пазириш воқеъ шудаанд.

Дар умум, рисолаи диссертатсионии Раҳмонов Ҳафиз Азизович дар мавзуи “Фазлиддин Муҳаммадиев ва таҳаввули ҳикояи муосири тоҷик” кори анҷомёфтаи илмӣ буда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешниҳоди диссертатсияи номзадӣ ҷавобгӯ

ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01. сазовор мебошад.

Роҳбари илмӣ:
академики АМИТ, доктори илми
филология, профессор **Имомзода М.С.**

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992) 93-580-64-44
E-mail: Imomzoda@gmail.com
18.10.2022.

Имзои Имомзода М.С.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Тавқиев Э.Ш.**